Замима

ба қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 28 августи соли 2024, № 475

# Тартиби гузаронидани рейтинги муассисаҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби гузаронидани рейтинги муассисаҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Тартиби мазкур) мақсад, вазифа, самт ва қоидаҳои гузаронидани рейтинги муассисаҳои таълимиро новобаста ба шакли моликият ва тобеияти идоравии онҳо муқаррар менамояд.
2. Тартиби мазкур ба муассисаҳои таълимии мақомоти қудратӣ ва соҳаҳои фарҳангу санъат татбиқ намегардад.
3. Мафҳумҳои дар Тартиби мазкур истифодашаванда:

- рейтинг – низоми дар асоси натиҷаҳои нишондиҳандаҳои миқдорӣ ё арзёбии рейтингӣ дар рӯйхати радабандӣ бо тартиби муайян ҷойгиркунии сифати дилхоҳ объектҳои тадқиқотӣ;

- низоми рейтингӣ - нишондиҳандаҳои объектҳои тадқиқотӣ ва тартиби холгузорие, ки натиҷаи ченаки онҳоро ифода мекунанд ва ба баҳодиҳии коршиносон, ҷадвал (шкала)-и муайян намудани мавқеи муассисаҳои таълимӣ дар рӯйхати ҷобаҷогузорӣ (радабанди)-и онҳо асос ёфта, натиҷаҳои бадастовардаро ба танзим медарорад;

- холи (баҳои) рейтингӣ – нишондиҳандаи ададии дастовардҳои ҳамагуна объекти тадқиқотӣ дар рӯйхати ҷобаҷогузорӣ (радабанди)-и онҳо;

- натиҷаи асосӣ – бузургие, ки натиҷаи аз рӯйи нишондиҳандаи мушоҳидакунанда оид ба самти муайяни фаъолияти объекти таҳқиқот интизорбуда (банақшагирифташуда)-ро ифода мекунад.

4. Рейтинги муассисаҳои таълимӣ дар шакли баҳодиҳии маҷмуии фаъолияти онҳо дар натиҷаи омӯзиш, таҳлил ва ҷобаҷогузории маълумоти дар ҳуҷҷатҳо, назарпурсиҳои сотсиологӣ ва худтадқиқкунии муассисаҳои таълимӣ ҷамъоваришуда муайян карда мешавад.
5. Рейтинг – ин мавқеи муассисаҳои таълимӣ мебошад, ки дар асоси ҷобаҷогузорӣ (радабандӣ)-и онҳо вобаста ба зинаҳои таҳсилот аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар як сол як маротиба муайян карда мешавад.
6. Рейтинг ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти гурӯҳҳои зерини ҷомеаи шаҳрвандӣ равона карда шудааст:

- хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда) – барои интихоби ҷойи дар оянда идома додани таҳсил;

- донишҷӯёне, ки мақсади иваз намудани ихтисос ё муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро доранд;

- мақоми ваколатдори давлатии идоракунандаи таҳсилоти олии касбӣ ва ҷомеа – барои асоснок гардонидани дар оянда нигоҳ доштан ё надоштани муассисаҳои таълимӣ ва дар ҳамин замина, аз ҳисоби буҷети давлатӣ ё сарчашмаҳои ғайридавлатӣ маблағгузорӣ кардан ё накардани рушди минбаъдаи онҳо;

- корфармо – барои интихоби кормандон (мутахассисон)-и оянда аз ҳисоби хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ РЕЙТИНГ

7. Мақсадҳои гузаронидани рейтинг:

- баҳодиҳии самаранокии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ;

- ҳавасманд гардонидани муассисаҳои таълимӣ ба таъмини сифати таҳсилот ва ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас дар корҳои таълимӣ;

- таъмини рақобатпазирӣ байни муассисаҳои таълимӣ вобаста ба зинаҳои таҳсилот;

- ташаккули фаҳмиши падару модар ва ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба рушди таҳсилот дар ҷумҳурӣ, минтақа ва маҳал;

- воридшавии муассисаҳои таълимии ватанӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ;

- гузаштани муассисаҳои таълимӣ аз аккредитатсияи байналмилалӣ;

- ҷалби бештари таълимгирандагон аз давлатҳои хориҷӣ.

8. Барои амалӣ гардидани мақсадҳои гузаронидани рейтинги муассисаҳои таълимӣ вазифаҳои зерин иҷро мегарданд:

- ба даст овардани маълумоти воқеӣ ва дақиқ дар бораи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ;

- муайян намудани рейтинги муассисаҳои таълимӣ дар низоми маориф дар сатҳи ҷумҳурӣ, минтақа ва маҳал;

- ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ.

## 3. ПРИНСИПҲОИ МУАЙЯН НАМУДАНИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ РЕЙТИНГ

9.Нишондиҳандаҳои низоми арзёбии рейтинги муассисаҳои таълимӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- принсипи воқеият, ки дар асоси истифодаи сарчашмаҳои мустақил, дақиқ ва эътимодноки ба даст овардани маълумот таъмин карда мешавад;

- принсипи шаффофият, ки дар асоси пурра пешниҳод намудани маълумот дар бораи тамоми ҷанбаҳои тартиби арзёбии рейтинг таъмин мегардад;

- принсипи муттасилӣ, ки мутобиқи он натиҷаҳои арзёбии рейтингӣ барои як давра муайян карда мешаванд ва бояд тадриҷан тасдиқи худро пайдо кунанд ё бо дарназардошти вазъ ва шароити ҷорӣ тағйир ёбанд;

- принсипи стандартикунонӣ дар асоси ташкил намудани низоми ягонаи истилоҳот (мафҳумҳо) ба даст оварда мешавад, ки бояд аҳаммияти муайян намудани натиҷаи онҳо барои истифодабарандагони рейтинг ва иштирокчиёни он фаҳмо бошад.

## 4. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ РЕЙТИНГ

10. Рейтинги муассисаҳои таълимӣ вобаста ба зинаҳои таҳсилот ташкил ва баргузор карда мешавад, ки дар он иштироки тамоми муассисаҳои таълимӣ ҳатмӣ мебошад.

11. Арзёбии маҷмуии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳо (тибқи замимаҳои 1-5) гузаронида мешаванд. Нишондиҳандаҳо самтҳои зерини фаъолияти муассисаҳои таълимиро фаро мегиранд:

- натиҷаи корҳои таълимию методӣ;

- дастрасӣ ба маълумот дар бораи раванди таълиму тарбия;

- кор бо таълимгирандагони болаёқат (татбиқи барномаи иловагии таҳсилот);

- натиҷаи корҳои иҷтимоию тарбиявӣ;

- корҳои илмию тадқиқотӣ;

- рушди иқтидори ҳайати омӯзгорон (педагогӣ);

- мавҷудият ва вазъи нуқтаҳои хизматрасонии тиббӣ;

- ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва рақамӣ.

12. Маълумот дар бораи рейтинги муассисаҳои таълимӣ тибқи талаботи муқаррargардида дар давоми соли тақвимӣ ҷамъоварӣ карда мешавад.

13. Маълумоти дар давоми сол дар бораи рейтинги муассисаи таълимий ҷамъоварикардашуда дар семоҳаи охири соли тақвимӣ аз номи роҳбарони муассисаҳои таълимӣ тариқи тасдиқи расмии натиҷаҳо аз рӯйи ҳар як нишондиҳанда ба мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм пешниҳод карда мешавад.

14. Шахсоне, ки маълумотро дар бораи рейтинги муассисаҳои таълимӣ пешниҳод менамоянд, барои дақиқ ва воқеӣ будани онҳо масъулият доранд.

15. Тибқи фармоиши мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм барои гузаронидани рейтинги муассисаҳои таълимӣ комиссия таъсис дода мешавад.

16. Комиссия ташхис ва баҳодиҳии ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардидаро тибқи нишондиҳандаҳои арзёбии рейтинги муассисаҳои таълимӣ мегузаронад.

17. Натиҷаи муайян намудани рейтинги муассисаҳои таълимӣ дар сомонаи расмии мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм ҷой дода шуда, расман ба тамоми роҳбарони муассисаҳои таълимӣ расонида мешавад.

18. Арзёбии самаранокии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ дар асоси натиҷаҳои ниҳоии аз рӯйи тамоми самтҳои баҳодиҳии маҷмуӣ бадастовардашуда гузаронида мешавад.

19. Дар низоми арзёбии рейтинги муассисаҳои таълимӣ се тарзи ифодаи натиҷаи баҳодиҳӣ истифода мешавад: ифодаи натиҷаҳо бо дарсад, бо миқдор ва дар рақобатпазирӣ:

- барои муайян намудани тафовути нишондиҳандаҳои миқдорӣ тарзи бо дарсад ифода намудани натиҷаҳои мониторинги муассисаҳои таълимӣ истифода карда мешавад;

- тарзи ифодаи миқдорӣ тариқи гузоштани миқдори муайяни холҳо ба миқдори муайяни натиҷаи нишондиҳандаҳо;

- тарзи рақобатпазирии муайян намудани рейтинги муассисаҳои таълимӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳое гузаронида мешавад, ки натиҷаи онҳо бо дарсад ва миқдор ифода карда намешаванд. Муайян намудани натиҷаи ин нишондиҳандаҳо танҳо мавҷуд будан ё набудан, иштирок доштан ё надоштанро ифода мекунад ва ҳангоми арзёбии рейтинги муассисаҳои таълимӣ бо холҳо ифода карда мешавад.

20. Тибқи низоми арзёбии рейтинги муассисаҳои таълимӣ аз рӯйи ҳар як самт миқдори муайяни холҳо гузошта шуда, мавқеи муассисаҳои таълимӣ дар рӯйхати ҷобаҷогузорӣ (радабанди)-и онҳо муайян карда мешавад.

21. Мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар асоси ҷамъбасти рейтинги муассисаҳои таълимӣ мавқеи онҳоро дар рӯйхати ҷобаҷогузорӣ (радабандӣ) аз рӯйи ҳар як самт муайян менамояд.

22. Рейтинги муассисаҳои таълимӣ бо нисбияти ҳосили ҷамъи мавқеъҳои аз рӯйи ҳар як самт ишғолнамудаи муассисаҳо бар ҳосили ҷамъи миқдори умумии самтҳо тариқи муайян намудани даҳгонаи аввал гузаронида мешавад.

## 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

23. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Тартиби мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Замимаи 1

ба Тартиби гузаронидани рейтинги

муассисаҳои таълимӣдар Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Нишондиҳандаҳои тартиби гузаронидани рейтинги муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| р/т | Нишондиҳандаҳо | Қайди натиҷаҳо бо ифодаи ченакҳои марбута | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| | 1. ЗАМИНАИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ | | | | | | |
| 1 | Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 2 | Татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 3 | Татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 4 | Татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 5 | Татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, №94 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| | 2. ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДӢ | | | | | | |
| 6 | Таъминоти кадрии муассиса:<br>- теъдоди мураббиён бо таҳсилоти олии касбӣ;<br>- теъдоди мураббиён бо таҳсилоти миёнаи касбӣ;<br>- теъдоди мураббиён бо дараҷаи олии тахассусӣ;<br>- теъдоди мураббиён бо дараҷаи якуми тахассусӣ | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 7 | Маҳорати касбӣ ва роҳбарии мудири муассиса | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 8 | Миқдори мақолаҳо ва дастурҳои методии вобаста ба тарбияи кӯдакон дар 1 соли охир нашршуда | 6 | 5 | 4 | 3 | 2 | 1 |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 9 | Омӯзиши забони давлатӣ дар гурӯҳҳои таълимашон бо забонҳои русӣ ва англисӣ ва ақаллиятҳои миллӣ | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 10 | Омӯзиши забонҳои русию англисӣ дар гурӯҳҳои таълимашон бо забони давлатӣ | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 11 | Таъминот бо барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ ва маводди дигари тарбиявию зеҳнӣ | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 12 | Татбиқи натиҷабахши арзишҳои фарҳанг ва ахлоқи миллӣ дар раванди тарбияи кӯдакон | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 13 | Машғулиятҳои рушди зеҳнии кӯдакон | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 14 | Машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва тартиби дурусти баргузории онҳо | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 15 | Коркард ва истифодаи воситаҳои аёнӣ дар раванди тарбияи кӯдакон | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 16 | Маҳорати педагогӣ ва эҷодии мураббиён | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 17 | Харидории маводди тарбиявӣ ва аёният дар 1 соли охир | 6 | 5 | 4 | 3 | 2 | 1 |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 18 | Иҷрои нақшаи аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаштани мураббиён | 20% | 15% | 12% | 9% | 6% | 3% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| | 3. ЗАМИНАИ МОДДИЮ ТЕХНИКӢ | | | | | | |
| 19 | Риояи меъёрҳо ва қоидаҳои санитарию гигиенӣ | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 20 | Таъминоти муассиса бо хатти оби тозаи ошомиданӣ | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 21 | Сомонаи муассиса ва шумораи истифодабарандагони он дар 1 соли охир | 300 | 250 | 200 | 150 | 100 | 50 |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| | 4. ТАРБИЯГИРАНДАГОН ВА РАВОБИТ БО ПАДАРУ МОДАР | | | | | | |
| 22 | Робита ва ҳамкории муассиса бо падару модари кӯдакон ва истифодаи ҳомилҳои электронӣ дар ин самт | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 23 | Баҳогузории падару модар ва сатҳи қаноатмандии онҳо аз фаъолияти муассиса | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 24 | Иштирок ва дастовардҳои кӯдакон дар озмунҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 25 | Иштирок ва дастовардҳои мураббиён дар озмунҳои шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 26 | Ҳолати ҷисмонии бинои муассисаи таълимӣ ва мутобиқати он ба меъёрҳо | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 27 | Мавҷудияти майдончаҳои варзишӣ, толорҳои варзишӣ, толори мусиқӣ ва ҳавзи оббозӣ | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 28 | Мавҷудияти айвончаҳо вобаста ба миқдори гурӯҳҳои синнусолӣ | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 29 | Мавҷуд будани ҳуҷраи тиббӣ ва таъминоти он бо маводди доруворӣ | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 30 | Сатҳи таъминоти бехатарӣ ва амнияти муассиса | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |

## Нишондиҳандаҳои тартиби гузаронидани рейтинги муассисаҳои таҳсилоти миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| р/т | Нишондиҳандаҳо | Қайди натиҷаҳо бо ифодаи ченакҳои марбута | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| | 1. ЗАМИНАИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ | | | | | | |
| 1 | Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 2 | Татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 3 | Татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 4 | Риояи талаботи стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 5 | Татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, №94 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| | 2. ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДӢ | | | | | | |
| 6 | Таъминоти кадрии муассиса:<br>- теъдоди омӯзгорон бо таҳсилоти олии касбӣ;<br>- теъдоди омӯзгорон бо таҳсилоти миёнаи касбӣ;<br>- теъдоди омӯзгорон бо дараҷаи олии тахассусӣ;<br>- теъдоди омӯзгорон бо дараҷаи якуми тахассусӣ;<br>- теъдоди омӯзгорон бо дараҷаи дуюми тахассусӣ | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 7 | Маҳорати касбӣ ва роҳбарии директори муассиса | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 8 | Иҷрои нақшаи аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаштани омӯзгорон | 20% | 15% | 12% | 9% | 6% | 3% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 9 | Маҳорати педагогӣ ва эҷодии омӯзгорон | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 10 | Кабинети методӣ ва расонидани кумаки методӣ ба омӯзгорони ҷавон | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 11 | Дастурҳои методӣ ва мақолаҳо дар 1 соли охир (аз миқдори умумии омӯзгорони доимӣ) | 6 | 5 | 4 | 3 | 2 | 1 |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 12 | Шумораи синфхонаҳои муҷаҳҳаз ва истифодаи онҳо дар раванди дарсҳои амалӣ | 9 | 7 | 5 | 3 | 2 | 1 |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 13 | Сифати баргузории дарсҳои амалӣ аз фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 14 | Татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 15 | Татбиқи натиҷабахши арзишҳои фарҳанг ва ахлоқи миллӣ дар раванди тарбияи кӯдакон | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 16 | Шумораи китобҳои дарсӣ ва бадеӣ дар китобхона | 3000 | 2500 | 2000 | 1500 | 1000 | 500 |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 17 | Шумораи китобҳои электронӣ | 300 | 250 | 200 | 150 | 100 | 50 |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 18 | Миқдори ҷойи нишаст дар толори хониши китобхона ва фаъолияти дурусти китобхонадорӣ | 100 | 80 | 60 | 40 | 20 | 10 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| | 3. ЗАМИНАИ МОДДИЮ ТЕХНИКӢ | | | | | | |
| 19 | Риояи меъёрҳо ва қоидаҳои санитарию гигиенӣ | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 20 | Таъминоти муассиса бо хатти оби ошомиданӣ | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 21 | Сомонаи муассиса ва шумораи истифодабарандагони он дар соли охир | 300 | 250 | 200 | 150 | 100 | 50 |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 22 | Робита ва ҳамкории муассиса бо падару модари хонандагон ва истифодаи барномаҳои муосири электронӣ дар ин самт | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 23 | Баҳогузории падару модар ва сатҳи қаноатмандии онҳо аз фаъолияти муассиса | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 24 | Мавҷудияти устохона барои омӯзиши тахнологияи меҳнат (писарон ва духтарон) | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 25 | Ҳолати ҷисмонии бинои таълимӣ ва мутобиқати он ба меъёрҳо | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 26 | Мавҷудияти майдончаҳои варзишӣ, толорҳои варзишӣ | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 27 | Кабинети дарсҳои омодагии ибтидоии ҳарбӣ, майдончаҳои сафоройӣ | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| | 4. ХОНАНДАГОН ВА ХАТМКУНАНДАГОН | | | | | | |
| 28 | Сатҳи сифати таҳсилот аз рӯйи натиҷаи аттестатсияи давлатӣ | 80% | 70% | 60% | 50% | 40% | 30% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 29 | Натиҷаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии дохил ва хориҷи кишвар тавассути имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 30 | Иштирок ва дастовардҳои хонандагон дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 31 | Иштирок ва дастовардҳои хонандагон дар олимпиадаҳои фаннӣ (ноҳиявӣ, шаҳрӣ, минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ) | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 32 | Иштирок ва дастовардҳои варзишӣ, ҳарббию ватандӯстӣ дар мусобиқаҳо (бо нишондоди давраҳо ва сатҳ) | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 33 | Шумораи маҳфилҳои фаннӣ, варзишӣ ва ҳунарҳои бадеӣ | 6 | 5 | 4 | 3 | 2 | 1 |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 34 | Шумораи омӯзгороне, ки шогирдҳояшон дар озмунҳои гуногун ғолибият ба даст овардаанд | 6 | 5 | 4 | 3 | 2 | 1 |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 35 | Шумораи омӯзгороне, ки таҷрибаашон дар байни омӯзгорон истифода бурда мешавад | 6 | 5 | 4 | 3 | 2 | 1 |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |
| 36 | Сатҳи таъминоти бехатарӣ ва амнияти муассиса | 100% | 80% | 60% | 40% | 20% | 10% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 2 | 1 |

Замимаи 3

ба Тартиби гузаронидани рейтинги

муассисаҳои таълимӣдар Ҷумҳурии Тоҷикистон

## **Нишондиҳандаҳои тартиби гузаронидани рейтинги муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| р/т | Нишондиҳандаҳо | Қайди натиҷаҳо ба ифодаи ченакҳои марбута | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. ЗАМИНАИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ | | | | | | | |
| 1 | Татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» | 100% | 90% | 60% | 40% | 30% | 20% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 3 | 2 |
| 2 | Татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» | 100% | 90% | 60% | 40% | 30% | 20% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 3 | 2 |
| 3 | Татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» | 100% | 90% | 60% | 40% | 30% | 20% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 3 | 2 |
| 4 | Риояи талаботи стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100% | 90% | 60% | 40% | 30% | 20% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 3 | 2 |
| 5 | Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ | 100% | 90% | 60% | 40% | 30% | 20% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 3 | 2 |
| 6 | Маҳорати касбӣ ва роҳбарии директори муассиса | 100% | 90% | 60% | 40% | 30% | 20% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 3 | 2 |
| 2. ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДӢ | | | | | | | |
| 7 | Татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим | 100% | 80% | 70% | 60% | 40% | 20% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 3 | 2 |
| 8 | Шумораи китобҳои дарсӣ дар китобхона ва фаъолияти дурусти китобхонадорӣ | 12000 | 10000 | 9000 | 8000 | 7000 | 6000 |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 3 | 2 |
| 9 | Шумораи китобҳои дарсии электронӣ | 10000 | 8000 | 6000 | 5000 | 4000 | 3000 |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 3 | 2 |
| 10 | Миқдори ҷойи нишаст дар китобхонаи электронӣ | 60 | 50 | 40 | 30 | 20 | 10 |
| | Холи гузариш | | | | | | |
| 11 | Фаъолияти системаи дохилитаълимгоҳии идора ва мониторинги сифати таълим | 100% | 80% | 60% | 40% | 30% | 20% |
| | Холи гузариш | 10 | 8 | 6 | 4 | 3 | 2 |
| 12 | Сатҳи сифати таҳсилот | 70% | 60% | 50% | 40% | 30% | 20% |
| | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] |